**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи "Расму анъанаоҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара" (солҳои 1924-2024) барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология)**

Муҳиммияти омӯзиш ва таҳқиқи рисолаи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар он зоҳир мегардад, ки гарчанде дар урфу одат, расму анъанаҳо ва бозиҳои мардуми он, ҳаммонандиҳо бо расму одатҳои сокинони дигар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб дида шавад ҳам, аммо ҷиҳатҳои фарққунандагӣ бисёр ба мушоҳида мерасад. Бинобар ин омӯзиши ҷанбаҳои мардумшиносӣ ва фарҳангшиносии чунин як ноҳияи таърихи куҳан дошта, барои мукаммал гаштани таъриху фарҳанги кишвар аз аҳаммият холӣ нест.

Аз омӯзиши автореферати рисола муайян мегардад, ки муаллиф раванди рушди ҳаёти иқтисодӣ - иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғараро бо истифода аз манбаҳои боэътимод ва осори муҳаққиқони гуногун баррасӣ ва мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, ба хулосаҳои зарурӣ омадааст.

Муаллифи автореферат омӯзиши расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумиро дар ноҳияи Данғара дар давоми сад сол (солҳои 1924-2024) мақсади таҳқиқоти илмии хеш намуда, аз уҳдаи он баромадааст.

Чӣ хеле аз омӯзиши автореферат маълум мегардад, усули таҳқиқи рисола дар такя ба усулҳои таҳқиқоти таърихӣ, объективона, адолатона, тавассути сарчашмаву ҳуҷҷатҳои таърихӣ, асарҳои мардумшиносони русу тоҷик ва суҳбати рӯ ба рӯ бо сокинони ноҳияи мазкур аз тарафи муаллиф риоя шудааст.

Навгониҳои илмии диссертатсия дар он зоҳир мешаванд, ки то ҳанӯз бо чунин ҳаҷму номгузорӣ ва истифодаи сарчашмаву адабиёт оид ба омӯзиши расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара таҳқиқоти мукаммали илмӣ ба анҷом расонида нашудааст.

Тавре аз таълифоти диссертант бар меояд, пажӯҳиши гузаронидашуда дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, таҳқиқоти илмии олимони хориҷиву ватанӣ, мушоҳидаҳои саҳроӣ ва пурсишу суҳбатҳои рӯ ба рӯ нишон медиҳад, ки фарҳанги сунатии мардуми ноҳияи Данғара дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад.

Диссертант ба фарҳанги суннатии мардуми Данғара ҳамчун як бахши ҷудонашавандаи мероси миллӣ, арзиши бузурги таърихӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ дошта нигоҳ намуда, ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангиву таърихии ноҳияи Данғараро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Муаллиф маросимҳои мардумӣ аз қабили: тӯйҳои арӯсу домодӣ, хатнасур, маросими азодорӣ ва дигар анъанаҳои дар миёни мардуми ноҳияи Данғара роиҷбударо, ки бо тамоми аносири мардуми маҳаллӣ гузаронида мешавад, омӯзиш намуда, ба хулосае меояд, ки ин анъанаҳо дар миёни мардум аз замонҳои қадим пайдо, рушду ташаккул ёфта, то ба замони мо расидаанд.

Аз муҳтавои автореферат маълум мегардад, ки дар рисола ҳаёти фарҳангии ноҳияи Данғара дар солҳои соҳибистиқлолӣ низ таҳлилу таҳқиқи илмӣ гардидааст. Муаллиф махсус қайд менамояд, ки дар шароити соҳибистиқлолӣ дар кишвар фарҳанги суннатӣ аҳаммияти калон дорад, чунки эҳё ва ҳифзи мероси фарҳанги мардумӣ ва расму ойинҳо ба таҳкими худшиносӣ, ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, ваҳдат ва рушди фарҳанги миллӣ замина фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, автореферат муҳтавои рисолаи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзӯи "Расму анъанаоҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара" (солҳои 1924-2024) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) кори анҷомёфта буда, дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гаштааст.

Омӯзиши автореферати мазкур нишон медиҳад, ки объект, предмет, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот бо навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мувофиқат мекунад.

Мазмун, мундарича, сохтор ва дигар қисматҳои автореферат ба талабот ҷавобгу буда, мазмуни диссертатсияро инъикос менамояд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи "Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара" (солҳои 1924-2024) ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) мебошад.

**Муқарриз, дотсенти**
**кафедраи таърихи умумӣ ва**
**муносибатҳои байналхалқии**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Дарвозиева Ҳ. Ш.**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121 ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Телефон: (+992) 2241383 Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj

**Тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи С. Айнӣ** **Қодирзода Саидвалӣ**

**"12" 12 2025**